**аз 29.11.2019 №18880/6.1-Д**

Шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

Нусха: Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки тибқи мактубҳои дастурии қаблан ирсолгардида амалҳои бақайдгирии давлатӣ вобаста ба бегонакунии ҳисса (гузашт ва хариду фурӯши саҳм), кам ва ё зиёд намудани ҳаҷми сармояи оинномавӣ, азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, бақайдгирии Воситаҳои ахбори омма, бақайдгирӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо нисбати шахсони ҳуқуқие, ки намуди фаъолияти онҳо ба канданиҳои фоиданок ва фаъолияти хизматрасонии молиявӣ машғул мебошанд, дар мувофиқа бо Кумитаи андоз амалӣ карда мешуд.

Бо мақсади соддатар намудани гузаронидани амалҳои бақайдгирии зикргардида тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 19 ноябри соли 2019 мактубҳои дастурии қаблан ирсол намудаи Кумитаи андоз таҳти № 9350/6.1 аз 22 августи соли 2016 ва таҳти № 12999/6.1 аз 17 ноябри соли 2016 дар қисмати мувофиқа намудани амалҳои бақайдгирии давлатӣ аз эътибор соқит дониста шуда, аз санаи 1 декабри соли 2019 ҳама гуна амалҳои бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо тибқи тартиби муқарраршуда дар доираи талаботҳои қонугузорӣ бидуни мувофиқа бо Кумитаи андоз амалӣ карда мешавад.

Бо назардошти Фармоиши мазкур, кормандони шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки амалҳои бақайдгирии давлатӣ вобаста ба бегонакунии ҳисса (гузашт ва хариду фурӯши саҳм), кам ва ё зиёд намудани ҳаҷми сармояи оинномавӣ, азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, бақайдгирии воситаҳои ахбори омма, бақайдгирӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо нисбати шахсони ҳуқуқие, ки намуди фаъолияти онҳо ба канданиҳои фоиданок ва фаъолияти хизматрасонии молиявӣ машғул мебошанд бе мувофиқа намудани онҳо бо Кумитаи андоз анҷом диҳанд.

Бо мақсади дуруст ва асоснок гузаронидани амалҳои бақайдгирӣ аз ҷониби Кумитаи андоз вобаста ба ҳар як намуди алоҳидаи амалҳои бақайдгирӣ номгуйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар шакли ҷадвал омода карда шудааст ва ҳамчун замима ба мактуби мазкур ба Шумо ирсол карда мешавад. Шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҳуҷҷатҳои заруриро пурра ва ба таври дурусту фаҳмо дастрас намуда, баъдан амалҳои бақайдгириро анҷом диҳанд.

Ҷиҳати иҷроиши талаботи қисми 5 моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» вобаста ба пешниҳоди *хулоса оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ дар сурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ вобаста ба гузашти ҳисса (саҳм) дар сармояи оинномавии шахси ҳуқуқӣ, қайд намудан зарур аст, ки аз тарафи* КВД «Маркази барномасозӣ ва маъмурикунонии андозҳо» тағйиротҳо ба барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо “Бақайдгирии андозсупорандагон” ворид карда шудааст. Минбаъд, Раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказии Кумитаи андоз тағийротҳои воридшавандаро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ тавассути барномаи мазкур дастрас ва мавриди андозбандӣ қарор медиҳанд.

Ҳамзамон, ҷиҳати пешгирӣ намудани амалҳои ғайриқонунии доду гирифти ширкатҳо кормандони шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар мавриди ошкор гардидани амалҳои бақайдгирии шубҳанок вобаста ба ширкатҳои ба истилоҳ “якрӯза” барои пешгири намудани чунин амалҳо чораҷӯӣ намуда, дар ин хусус фавран ба Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андоз ба таври хаттӣ гузориш пешниҳод намоянд.

Кормандони шуъбаҳо ва бахшҳои мазкур иловатан огоҳ карда мешаванд, ки талаботи қонунгузорӣ ва мактуби мазкурро бо андозсупорандагон дуруст фаҳмонида, иҷрои онро ба таври дахлдор таъмин ва назорат намоянд.

*Замима: Руйхати ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда дар шакли ҷадвал дар ____ варақ.*

Раис Н. Давлатзода